# Т А Қ Р И З

**ба диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Ҷомеае, ки дар он маълумот ва истифодаи судманди он баръало мушоҳида мешавад, технологияҳои иттилоотӣ нақши меҳварӣ ва ҳалкунанда доранд. Истифодаи густурдаи ин технология ва таъсири он ба паҳлуҳои мухталифи ҳаёти имрӯза ва ояндаи ҷомеаи башарӣ ба яке аз муҳимтарин мавзуъҳои аввалиндараҷаи ҷаҳон табдил ёфта, таваҷҷуҳи кишварҳои зиёдеро ба худ ҷалб кардааст. Дар зарфи панҷоҳ соли охир бо шарофати пешравиҳои васеи дастгоҳҳои компютерӣ ва бавижа интернет дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд.

Ба ин муносибат, интихоб ва таҳқиқи мавзуи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» аз ҷониби рисоланавис Ғафуров Зоир Саъдуллоевич як ташаббуси саривақтӣ ва таҳқиқи арзишманд мебошад, зеро дар замони муосири технологӣ истифода ва корбурди истилоҳоти марбут ба технологияҳои иттилоотӣ ва муҳити Интернет на танҳо боиси тавсеаи технологияҳои муосири компютерӣ-интернетӣ шудааст, балки ҷомеаи башарӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки аз истилоҳоти нав ва махсусан сленгҳои компютерӣ, ки дар доираи технологияи иттилоотӣ ба таври васеъ густариш ёфтааст, бохабар бошад. Маҳз ин падида водор месозад, ки тамоми истилоҳоти навини технологияи инноватсионӣ, махсусан сленги компютерӣ аз мавзуъҳои актуалӣ ва саривақтӣ дониста шуда, роҷеъ ба он таҳқиқи ҷомеи лингвистӣ сурат гирад.

Диссертатсияи Ғафуров З.С. аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати ихтисораҳо, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст. Дар муқаддима роҷеъ

ба мубрамият ва зарурати мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, вазифа ва мақсадҳои таҳқиқ, навгонии илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, усулҳои таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, масоили асосии таҳқиқ дар диссертатсия, саҳми асосии муҳаққиқ, тасвиби таҳқиқи диссертатсия, маводи асосии таҳқиқ ва ҳаҷму сохтори диссертатсия дар қолаби хело намунавӣ инъикос гардидааст.

**Боби аввали** диссертатсия зери унвони **"Ташаккул ва таҳаввули лексикаи компютерӣ ва интернет дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ"** ном гирифта, фарогири се фасл мебошад. Дар боби мазкур масъалаи ташаккули лексикаи технологияи иттилоотӣ-компютерӣ, таҳаввулот ва манбаъҳои лексикаи компютерӣ ва хусусиятҳои лексикографии он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Боби дуюми** диссертатсия зери мавзуи **"Таснифи лоҳавии лексика ва истилоҳоти технологияи иттилоотии даврони муосир"** ном гирифта, ду фаслу ҳафт зерфасли рисоларо ташкил медиҳад.

**Боби сеюми** диссертатсия таҳти унвони **"Сленгҳо ҳамчун қабати махсуси лексикаи компютерӣ"** номгузорӣ шуда, аз се фаслу ду зерфасл иборат мебошад.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаи таҳқиқ ба таври муфассал ва дақиқ оварда шудааст, ки метавон ба чанд нуктаи муҳимми он ишора намуд:

1. Солҳои охир таваҷҷуҳи забоншиносон бештар ба омӯзиши луғатномаҳои махсуси соҳаҳои иқтисод, сиёсат, технология ва энергетика равона карда шудааст. Технологияи иттилоотӣ, бешубҳа, яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти инсон мебошад. Аз ин лиҳоз, маводи бахшида ба технологияҳои иттилоотӣ, ҳамчун объекти таҳқиқоти забоншиносӣ ба шумор рафта, аз нуқтаи назари забоншиносон дар робита бо фаҳмидани матни касбӣ дар рушди ҷомеа низ нақши назаррас дорад.

2. Ташаккул ва таҳаввули истилоҳоти компютерӣ ва махсусан сленгу вожаҳои тамоми воҳидҳои луғавии компютерӣ аз гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, германӣ ё умумигерманӣ маншаъ гирифтаанд. Дар заминаи

таҳлили муқоисавии истилоҳоти компютерӣ дар асоси усули хронологӣ ба рушди лексикаи компютерӣ ва сленгҳои соҳавӣ дар давраҳои муайян таваҷҷуҳи хоса ба амал омадааст.

3. Манбаъҳои лексикаи компютерӣ ва хусусиятҳои лексикографии он масъалаҳои ба таври дуруст тартиб додани луғатномаҳои сленгҳои компютериро ба миён оварда, мушкилоти сохтори фарҳангҳои тафсирии лексикаи компютериро мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Яке аз талаботҳо барои сохтори дохилии луғат ин тартиби дурусти сохтан ва иҷро намудани меъёрҳои забонӣ мебошад. Одатан дар луғатнигорӣ воҳидҳои луғавие интихоб мегарданд, ки бештар маъмул буда, мавриди истифодаи васеи мардум қарор доранд.

4. Истилоҳоти марбут ба чатҳо низ яке аз қабатҳои сленги компютерӣ маҳсуб меёбанд. Чат аз зумраи жанрҳои гуфтугӯи компютерӣ, коммуникативӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад. Чат як жанри гибридӣ дар байни нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ буда, шакли тамоман нави фаъолияти нутқ мебошад, ки тавассути компютер тавсиф мешавад.

5. Таснифоти сохтории истилоҳоти компютерӣ бо роҳи якҷузъа, дуҷузъа ва бисёрҷузъа будани истилоҳоти соҳаи мазкур муайян карда шуд. Истилоҳоти компютерии якҷузъа аз як реша, дуҷузъа аз решаи асосӣ ва решаи дуюм ба вазифаи муайянкунанда ва таркибҳои номинавтии сеҷузъа бошад, дар зерсистемаи истилоҳоти компютерӣ миқдоран камтар ба мушоҳида расида, дар муносибатҳои маъноӣ-синтаксисӣ тавассути бандаки изофӣ алоқаманд мегарданд.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе норасоию камбудиҳо ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо дар оянда боиси беҳтар шудани арзиши илмии рисола хоҳад гашт, аз ҷумла:

1. Ифодаи "...забоншиносии хориҷиву ватанӣ" зикр мегардад, аммо нахуст аз дастовардҳои олимони ватанӣ ном бурда шудааст, чаро? (с. 10)

2. Зикри мақола дар феҳристи адабиёт мебоист тибқи қолаби ягона сабт гардад, вале дар рақамҳои 44 ва 233 ғалат ишора шудааст.

Сарфи назар аз ин норасоиҳо, ки мавҷудияти онҳо дар ҳар рисолаи илмӣ ба мушоҳида мерасад, диссертатсия дар сатҳи олӣ навишта шудааст. Ин камбудию норасоиҳо, арзиши илмии кори диссертатсионии рисоланавис Ғафуров Зоир Саъдуллоевичро коҳиш намедиҳад.

Хулоса, диссертатсияи тақризшаванда дар илми забоншиносӣ таҷрибаи нахустин буда, аз аҳамияти бузурги илмӣ, назариявӣ ва амалӣ бархӯрдор аст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопкардаи муаллиф мазмуну мундариҷаи диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи умумидонишгоҳии
забони англисии ДМТ Саидзода Ҳалим Азиз

734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17
Тел.: (992) 935-55-22-54

**Имзои Саидзода Ҳалим Азизро тасдиқ мекунам.**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавқиев Э.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ ... ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН / TAJIK NATIONAL UNIVERSITY / УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

22.04.22